# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи **Ғафуров Зоир Саъдуллоевич** дар мавзуи **«Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ. Душанбе, 2022.

Дар замони муосир муколама ва иттилоот аҳамияти рӯзмара касб намуда, тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷомеаро тахти таъсири бевоситаи худ қарор додаанд. Гузашта аз ин, технолгияи компютерӣ дар радифи дигар падидаҳои ҳаёти инсоният яке аз омилҳои асосии рушди ҳамзамони забону ҷомеа ба шумор меравад. Дар шароити ташаккули фазои ягонаи иттолоотӣ фарқ байни забони сунъӣ ва асл душвориҳои муайянеро ба миён меорад. Дар робита ба ин, имкониятҳои мавҷудаи забоншиносии компютерӣ пайваста рушд менамояд. Чунки равияҳои наве, ки дар илми забоншиносии ватанию хориҷӣ рӯйи кор омадаанд бо технологияи компютерӣ пайванди ногусастанӣ дошта, яке бо дигере тавъаманд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Ғафуров Зоир Саъдуллоевич низ ба ин самти муҳим ва камомӯхташудаи илми забоншиносии муосир бахшида шуда, муаллифи он вижагиҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забони англисӣ ва роҳҳои ифодаи онҳо дар забони тоҷикиро аз нигоҳи илмӣ баррасӣ намуда, ин қабати лексикии забонро ба як низоми муайяни илмӣ ва бо пешниҳод намудани далелҳои илман асоснок арзёбӣ кардааст.

Мавзуи мазкур мубрам ва саривақтӣ буда, масъалаҳои баррасишавандаи он ташаккули лексикаи технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, таснифи соҳавии лексика ва истилоҳоти технологияҳои иттилоотии даврони муосир ва сленгҳо ҳамчун қабати махсуси лексикаи компютерӣ мебошанд.

Ҳадафи асосии таҳқиқот таҳлили муқоисавии сохтори луғавӣ ва маъноии сленгҳои компютерӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва зарурати он дар ҳаёти ҳаррӯза татбиқ ва амалӣ намудани он мебошад, ки дар зер онҳо ба хелу гурӯҳҳо ҷудо шудаанд:

- муайян намудани моҳият ва мафҳуми сленги компютерӣ дар давраҳои рушди истилоҳоти технологияҳои иттилоотӣ;
- ошкор кардани сабабҳои пайдоиши сленгҳо дар доираи истилоҳоти компютерӣ;
- мушаххас намудани манбаъҳои луғавии сленги компютерӣ ва хусусиятҳои лексикографии он;

- мушаххас намудани моҳияти сленгҳои компютерӣ дар раванди муошират ва ғановати забон;

- равшан намудани таснифоти соҳавии сленгҳои компютерӣ дар технологияҳои иттилоотии замони муосир;

- тавсиф намудани сохтори истилоҳоти компютерӣ ва технологияи иттилоотӣ дар робита бо сленгҳои компютерӣ;

- гурӯҳбандӣ ва тавсиф намудани вижагиҳои маъноӣ ва луғавии сленгҳои компютерӣ;

- тасвир намудани ҷанбаҳои махсуси вижагиҳои маъноӣ ва сохтории сленгҳои компютерӣ.

Бояд зикр намуд, ки диссертант ҳадаф ва вазифаҳои дар назди худ гузошташударо бо истифода аз мавод ва манобеи муътамад дар сатҳи зарурӣ корбаст намудааст, ки ин ҳама дар матни автореферат инъикоси худро ёфтаанд.

**Саҳми шахсии муҳаққиқ** аз он иборат мебошад, ки бори нахуст сленги компютерӣ бо таснифоти соҳавӣ ва сохторӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба таври нисбатан мукаммал ва ба таври ҷудогона аз ҷониби диссертант таҳқиқ шудааст. Тамоми сленгҳои компютерӣ ва вижагиҳои гуногуни соҳавӣ дар асоси луғатҳои дузабона ва тафсирӣ, аз ҷумла, фарҳангҳои этимологӣ, энсиклопедӣ, забоншиносӣ, фарҳангҳои истилоҳоти компютерӣ ва ба гунаи он мавриди муқоиса қарор гирифтаанд. Инчунин, мафҳум ва моҳияти сленги компютерӣ ва роҳҳои иқтибосшавии онро аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ бори нахуст ба доираи таҳқиқот ва гардиши илмӣ ворид кардааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима таркиб ёфтааст, ки дар автореферат мазмуну муҳатвои онҳо аз ҷиҳати илмӣ инъикоси худро ёфтаанд.

Боби якум «**Ташаккул ва таҳаввули лексикаи компютерӣ ва интернет дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**» ном дошта, ташаккули лексикаи технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, таҳаввулоти лексикаи компютерӣ ва таснифоти он, манбаъҳои лексикаи компютерӣ ва хусусиятҳои лексикографии он мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони **«Таснифи соҳавии лексика ва истилоҳоти технологияҳои иттилоотии даврони муосир»** ба масъалаҳои қабатҳои лексикаи компютерӣ ва технологияҳои иттилоотии даврони муосир, таснифоти сохтории истилоҳоти компютерӣ ва технологияи иттилоотӣ, инчунин, вижагиҳои сохтории сленгҳои компютерӣ бахшида шудааст.

Боби сеюми диссертатсия «**Сленгҳо ҳамчун қабати махсуси лексикаи компютерӣ**» номгузорӣ шуда, дар он ташаккул ва таҳаввули сленгҳо дар

лексикаи компютерӣ ва вижагиҳои хоси онҳо, ҳамчунин, вижагиҳои маъноӣ ва луғавии сленгҳои компютерӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар хулоса таҳқиқ, омӯзиши маводи фаровони илмӣ ва методиву таълимӣ оид ба масъалаҳои мавриди таҳқиқ натиҷаҳои муайяни илмию назариявӣ фароҳам омада, натиҷаи ҳар як боби диссертатсия бо нишондодҳои амиқ хулосагузорӣ карда шудааст. Ҳамчунин, муаллиф ҷиҳати идома додани таҳқиқот дар илми забоншиносии ватанӣ ба масъалаи омӯзиши истилоҳоти компютерӣ ва технологияи иттилоотӣ, ки ҳанӯз ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд, якчанд тавсияҳоро судмандро пешниҳод намудааст.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсия тибқи талабот оид ба барасмиятдарории афтореферат бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳия гардида, муҳтавои пурраи таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамояд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ба меъёр ва талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълифи диссертатсия ва автореферат ҷавобгӯ буда, муаллифи он ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовар аст.

Муқарриз, доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забонҳои хориҷии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Ҷамшедов Парвонахон

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

Имзои д.и.ф., профессор Парвонахон Ҷамшедов-ро
тасдиқ мекунам:
мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Муродова М.

**Нишонӣ:** 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Тел.: (+992 37) 221 50 83

«31» 08 соли 2022